# 127981 - Ҳаром будани нишастан дар сари мизҳои шароб

**савол**

Ман дар яке аз донишгоҳҳои Ҷопон таҳсил мекунам ва дар ин донишгоҳ чандин ҷаласаҳо, семинарҳо ва ҷашнҳо баргузор мешавад, ки дар он (ҷаласаҳову семинарҳову ҷашнҳо) шароб вуҷуд дорад. Оё ман ба хотири ҳузур доштанам дар маконе, ки шароб вуҷуд дорад, гунаҳкор мешавам? Бояд қайд кард, ман кӯшиш мекунам, ки дар паҳлӯяш нанишинам ва шукри Аллоҳ, ки ман онро наменӯшам.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Бо афроде, ки шароб менӯшанд, нишастан ҷоиз нест, магар ин ки бар онҳо инкор намоӣ. Агар (насиҳати туро) қабул кунанд, (ҳамроҳи онҳо мешинӣ) вагарна бояд онҳоро тарк намоӣ, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мефармояд:

**«Касе, ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон дорад, набояд бар сари дастархоне биншинад, ки бар рӯи он хамр гузошта мешавад».   Ривояти Имом Аҳмад ва Тирмизӣ бо санади ҳасан.**

Зеро ҳамнишинӣ бо онҳо василаи ширкат дар кори бади онҳо ва ё ризоят аз он аст. Аллоҳ таъоло дар сураи Анъом фармудааст:

وَإِذَا رَأَيْتَ الَّذِينَ يَخُوضُونَ فِي آيَاتِنَا فَأَعْرِضْ عَنْهُمْ حَتَّى يَخُوضُوا فِي حَدِيثٍ غَيْرِهِ وَإِمَّا يُنْسِيَنَّكَ الشَّيْطَانُ فَلَا تَقْعُدْ بَعْدَ الذِّكْرَى مَعَ الْقَوْمِ الظَّالِمِينَ

سورة الأنعام: ٦٨

**«Ва чун касонеро дидӣ, ки дар оёти Мо аз рӯи масхара гуфтугӯ мекунанд, аз онҳо рӯй бигардон, то ба сухани дигаре бипардозанд. Ва агар шайтон туро ба фаромӯшӣ афканад, пас, баъд аз ёд овардан бо ситамкорон манишин».**   (Сураи Анъом: 68).

Аллоҳ таъоло фармудааст:

وَقَدْ نَزَّلَ عَلَيْكُمْ فِي الْكِتَابِ أَنْ إِذَا سَمِعْتُمْ آيَاتِ اللهِ يُكْفَرُ بِهَا وَيُسْتَهْزَأُ بِهَا فَلَا تَقْعُدُوا مَعَهُمْ حَتَّى يَخُوضُوا فِي حَدِيثٍ غَيْرِهِ إِنَّكُمْ إِذًا مِثْلُهُمْ

سورة النساء: ١٤٠

**«Ва (Аллоҳ ин ҳукмро) дар ин китоб (Қуръон) бар шумо нозил кардааст, ки чун шунидед, ки оёти Аллоҳ мавриди куфру масхара қарор мегирад, (яъне гурӯҳе оёти Аллоҳро инкор ва масхара мекунанд), бо онон манишинед, то ба сухани дигаре бипардозанд. Вагарна шумо низ монанди онҳо хоҳед буд».** (Сураи Нисо: 140).

Аллоҳ соҳиби тавфиқ аст". Поёни сухан.

"Маҷмуъу фатово"-и Ибни Боз (23/60).